6106/9.1 аз 18.06.2014

Мақомоти ҳудудии андоз

Нусха: ҶДММ «Қатари Диёр Реал Истейт Инвестмент Компани –Тоҷикистон»,
Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ҶДММ «Синохидро Тоҷикистон – Со»,
ҶСК «СТС Иншоот»

**«Оид ба ташкили назорати андоз нисбат ба Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳавасмандкунӣ ва кафолати сармоягузорӣ»**

Мактуби дастурии мазкур мутобиқ ба муқаррароти қисми 5 моддаи 2 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 5 Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳавасмандкунӣ ва кафолати сармоягузорӣ, ки 25 августи соли 2011 ба имзо расида, 19 январи соли 2012 бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №656 тасдиқ гардида, аз 24 январи соли 2013 расман эътибор пайдо кардааст, таҳия шуда, тартиби татбиқи имтиёзҳои андозии дар мавриди сохтмони бинову иншооти дар доираи Созишномаи мазкур дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон сохташавандаро, муайян мекунад.

## Муқаррароти умумӣ

1.Истилоҳоте, ки дар мактуби дастурии мазкур истифода шудаанд:

**1)Созишнома** – Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳавасмандкунӣ ва кафолати сармоягузорӣ, ки 25 августи соли 2011 ба имзо расида, 19 январи соли 2012 бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №656 тасдиқ гардида, аз 24 январи соли 2013 расман қувваи эътибор пайдо кардааст.

**2)Тарафҳо** – Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар.

**3)Иншооти сохташаванда:**

а) бинову иншооти лоиҳаи сармоягузории «Диёри Душанбе» дар қитъаи замини №63 тибқи қисми 1 моддаи 1 ва Нақшаи генералии Замимаи 1 Созишнома татбиқшаванда, ки ба моликияти Давлати Қатар дохил мешавад (минбаъд – Иншооти якум);

б) иншооти лоиҳаи сохтмони масҷиди ҷомеъ дар шаҳри Душанбе, ки ба моликияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳад гузашт (минбаъд – Иншооти дуюм).

**4)Фармоишгари Иншооти якум** – Ширкати қатарии «ад-Диёр» оид ба сармоягузорӣ дар соҳаи амволи ғайриманқул (минбаъд – Ширкат), ширкати тобеъи он Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Қатари Диёр Реал Истейт Инвестмент Компани –Тоҷикистон» (РМА-020030542) (минбаъд – Ҷамъият), ки аз Ҳукумати Давлати Қатар барои татбиқи лоиҳаи сармоягузории «Диёри Душанбе» дар қитъаи замини №63 тибқи қисми якуми моддаи 1 Созишнома ваколат гирифтааст.

**5)Фармоишгари Иншооти дуюм** – Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **Маблағгузори Иншооти дуюм -** Ширкати қатарии «Прайвит Инженеринг Офис».

**6)Пудратчии асосии Иншооти якум ё Иншооти дуюм** – шахси ҳуқуқие, ки аз ҷониби тарафҳо ё аз ҷониби Фармоишгари Иншшоти якум ё Иншооти дуюм таъин гардида, ӯҳдадор аст бо супориши Фармоишгар, дар доираи шартномаи басташуда маҷмӯи корҳоро оид ба сохтмони иншоотҳои номбурда анҷом диҳад.

**7)Пудратчиҳои асосӣ:**

- барои Иншооти якум – ҶДММ «Синохидро Тоҷикистон – Со» (РМА-020038975);

- барои Иншооти дуюм – ҶСК «СТС Иншоот» (РМА-010003467).

**8)Пудратчии ғайриасосӣ** – шахси (шахсони) ҳуқуқие, ки бевосита бо Пудратчии асосии Иншооти якум ё Иншооти дуюм шартнома (аҳд, қарордод) бастааст ва ин шартномаҳо аз тарафи Фармоишгари Иншооти якум ва ё дуюм тасдиқ карда шудаанд, мебошад.

Шартномаҳое (аҳдҳо, қарордодҳо), ки бо Фармоишгари асосии лоиҳа баста шудаанд дар мӯҳлати (мӯҳлатҳои) дар шартнома (аҳд, қарордод) пешбинишуда ва доир ба амалиёти таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ё хизматрасониҳои бевосита барои сохтмони Иншооти дар доираи Созишнома сохташаванда татбиқ мегардад.

**9)Иштирокчиёни сохтмон** - шахсони ҳуқуқие, ки бевосита дар сохтмони иншоотҳои дар доираи Созишнома сохташаванда ширкат меварзанд, аз он ҷумла:

а)Фармоишгари Иншооти якум ва Фармоишгари Иншооти дуюм;

б)Пудратчии асосии Иншоти якум ва Пудратчии асосии Иншооти дуюм;

в)Пудратчии ғайриасосӣ.

**10)Муассисаи доимии ғайрирезидент** - мутобиқи муқаррароти моддаи 12 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созишномаҳои байналхалқӣ оид ба пешгирӣ намудани андозбандии дукарата ва саркашӣ аз пардохти андозҳо аз даромадҳо ва сармоя, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраршуда онро эътироф намудааст, муайян карда мешавад.

2. Озодкунӣ аз пардохти андозҳо аз рӯи қарордодҳо (шартномаҳо, созишномаҳо) ба иштирокчиёни сохтмон пешниҳод карда мешавад, ки ба шартҳои зерин ҷавобгӯ мебошанд:

а) аз ҷониби Фармоишгари сохтмон тасдиқ шудаанд;

б) ба сохтмони иншоотҳои дар доираи Созишнома сохташаванда тааллуқ дошта бошад;

в) дар давраи сохтмони иншооти сохташаванда баста шудаанд;

г)то анчоми давраи сохтмони Иншооти сохташаванда бояд анҷом ёбанд;

д)хароҷоти онҳо ба таркиби ҳисоби сметавии маҷмӯъи сохтмони Иншоотҳои сохташаванда дохил шуда бошад.

3. Агар иштирокчиёни сохтмон гардишҳои алоҳидаи ба сохтмони иншооти дар доираи Созишнома сохташаванда алоқаманд набуда дошта ё муомилоти басташудаи ӯ (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) ба талаботи дар банди 2 ҳамин мактуби дустурӣ зикргардида ҷавобгӯ набошад, дар он сурат имтиёзҳои андозию гумрукии барои татбиқи созишнома пешбинишуда ба чунин дигар фаъолият ё муомилот (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) татбиқ намегардад. Дар қисми чунин дигар фаъолият ё муомилот (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо), ки ба сохтмони мазкур алоқаманд нест, иштирокчии сохтмон супорандаи андозҳо ва пардохтҳои муқаррарнамудаи кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

4. Дар ҳолатҳои тағйир ёфтани Пудратчиёни асосии иншооти сохташаванда, Фармоишгари иншоот ӯҳдадор аст нозироти андози маҳалли қайди андозсупорандаро дар мӯҳлати на дертар аз 15 рӯз хабардор намояд.

## Озодкунӣ аз супоридани андоз

5. Дар давраи сохтмони Иншооти сохташаванда дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Созишнома иштирокчиёни сохтмон аз супоридани андозҳои зерин (аз лаҳзаи фаро расидани мӯҳлати пардохт) озод карда мешаванд:

а) андоз аз арзиши иловашуда;

б) андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ;

в) андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард;

г)андози иҷтимоӣ аз шахсоне, ки резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошанд;

6. Имтиёзҳои андозии дар мактуби дастурии мазкур пешбинишуда аз санаи 24 январи соли 2013 мавриди амал қарор мегиранд.

## Тартиби татбиқи имтиёзҳои пешниҳодшуда

7. Мутобиқи банди 6 ҳамин мактуби дастурӣ, Фармоишгар ва Пудратчии асосии сохтмон ҳамчун агенти андоз аз андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ, аз андоз аз фоидаи софи муассисаи доимии шахси ҳуқуқии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, андози даромад дар манбаи пардохт, инчунин андоз аз арзиши иловашудаи ба ҷои ғайрирезидент пардохтшаванда озод мебошанд.

8. Озодкунӣ аз супоридани андози иҷтимоӣ нисбати шахсоне татбиқ мегардад, ки ғайрирезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб меёбанд ва бевосита дар сохтмон банд мебошанд. Чунин озодкунӣ аз андози иҷтимоӣ (бо меъёри 25 фоиз ба иштирокчиёни сохтмон, инчунин андози иҷтимоӣ бо меъёри 1 фоиз) маънои онро дорад, ки шахсоне, ки резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб намеёбанд ва бевосита дар сохтмон то санаи резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидан банд буданд, аз супоридани андози иҷтимоӣ озод мебошанд.

9. Дар ҳолате, ки агар дар давоми давраи сохтмон қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйир ёфта, шартҳои татбиқи Созишномаро бад гардонад, дар ин сурат то охири давраи сохтмон қонунгузории андози дар лаҳзаи оғози сохтмон амалишаванда татбиқ карда мешавад.

10. Барои мақсадҳои баҳисобгирии имтиёзҳои андозию гумрукии пешниҳодшуда иштирокчиёни сохтмон ӯҳдадоранд аз рӯи муомилоти (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) ба сохтмони мазкур тааллуқдошта ва аз рӯи амалиётҳои андозбандишавандаи алоҳида баҳисобгирии алоҳида баранд. Шахсони зикргардида ӯҳдадоранд саривақт ба мақомоти андози маҳали баҳисобгирии худ алоҳида аз рӯи муомилот (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) ба сохтмони мазкур тааллуқдошта ва алоҳида аз рӯи амалиётҳои андозбандишавандаи боқимонда ҳисоботи андоз пешниҳод намоянд. Дар эъломияҳои андоз аз рӯи муомилоти (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) ба сохтмони мазкур тааллуқдошта дар қисмати болои он қайд карда мешаванд: «Ба сохтмони иншооти якум (дуюми) дар доираи Созишнома сохташаванда ______________________________________________________» (номи иншооти сохташаванда), сана ва рақами қайд аз Рӯйхати ягонаи муомилоти (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) ба сохтмони дахлдор тааллуқдошта мутобиқи банди 19 ҳамин мактуби дастурӣ гузошта мешавад.

11. Ҳамзамон озодкунӣ аз супоридани андозҳое, ки дар ҳамин мактуби дастурӣ зикр ёфтааст, озодкуниро аз ӯҳдадории ҳисоб кардан ва супоридани андозҳо дар назар дошта, дар ҳисоботи андоз (эъломияҳои андоз) аз рӯи муомилоти (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) ба сохтмони иншоотҳои дар доираи Созишнома сохташаванда тааллуқдошта, танҳо ҳаҷми объекти андозбандишаванда, ки нисбати он имтиёз пешбинӣ шудааст бо маблағ (сомонӣ) зикр карда мешавад, меъёр ва маблағи андоз зикр карда намешавад.

12. Иштирокчиёни сохтмон гардишҳои доир ба муомилоти (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) ба сохтмон тааллуқдоштаро дар эъломияҳои андоз чунин дарҷ менамоянд, аз ҷумла:

а) дар эъломияи андоз аз арзиши иловашудаи Шакли 03.01 супорандагони ААИ меъёри стандартӣ дар сатри 003 қисми 2 дар сутуни «А»-амалиётҳои аз ААИ озод (инчунин дар сатри 004 қисми 2 шакли 03.01 (02.03).03) инъикос мекунанд. Маблағи андоз аз арзиши иловашудаи барои хариди молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) пардохтнамудаи иштирокчии

сохтмон, агар дар давраи ҳисоботӣ дигар амалиётҳои бо андоз аз арзиши иловашуда андозбандишаванда низ дошта бошад, тибқи усули мутаносибӣ ба ҳисоб (зачет) гирифта мешавад. Агар дар давраи ҳисоботӣ танҳо гардиши озодкардашуда ҷой дошта бошад, дар он сурат ба ҳисобгирӣ маблағи андоз аз арзиши иловашудаи барои хариди молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) пардохташуда иҷозат дода намешавад.

б) дар эъломияи андоз аз арзиши иловашудаи Шакли 03.02 супорандагони ААИ меъёри пасткардашуда дар сатри 003 қисми 2 дар сутуни «А»-амалиётҳои аз ААИ озод (инчунин дар сатри 004 қисми 2 шакли 03.01 (02.03).03) инъикос мекунанд. Супорандагони ААИ меъёри пасткардашуда ҳуқуқи ба ҳисоб гирифтани маблағи андоз аз арзиши иловашудаи барои хариди молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) пардохташударо надорад. Агар супорандагони ААИ меъёри пасткардашуда бевосита бо воридоти мол машғул шуда, ҳангоми барасмиятдарории гумрукии мол андоз аз арзиши иловашуда пардохт намуда бошанд, он гоҳ ҳуқуқ доранд маблағи андоз аз арзиши иловашудаи ба буҷет пардохташударо, агар дар давраи ҳисоботӣ дигар амалиётҳои бо андоз аз арзиши иловашуда андозбандишаванда низ дошта бошад, тибқи усули мутаносибӣ ба ҳисоб (зачет) гиранд.

в) дар ҳарду ҳолат супорандагони андоз аз арзиши иловашудае, ки муомилоти бо андоз аз арзиши иловашуда андозбандишаванда ва муомилоти озод доранд, маблағи андоз аз арзиши иловашудаи баҳисобгирифтаро дар давраҳои минбаъдаи ҳисоботи бо назардошти хароҷоти воқеии молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) тасҳеҳ намуда, бо ҷамбасти сол чунин андозсупорандагон ӯҳдадоранд тибқи талаботи қисми 5 моддаи 184 Кодекси андоз то 1-уми апрели ҳар сол тасҳеҳи андоз аз арзиши иловашударо барои тамоми давраи соли тақвимии гузашта гузаронанд.

г) дар эъломияи андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ дар Шакли 02.03 дар сатри 006 қисми 1 инъикос намуда, имтиёзи мазкур аз дигар даромадҳои андозбандишаванда тарҳ карда мешаванд. Дар ҳисоботи пардохтҳои ҷории андоз аз фоида бошад, танҳо дигар даромадҳои андозбандишаванда (бидуни даромадҳо аз амалиётҳои дар доираи Созишнома анҷомдодашуда) инъикос карда мешаванд.

д) дар эъломияи андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард дар Шакли 06.01 дар сутуни 003 инъикос карда мешавад.

е) дар эъломияи андози низоми соддакардашуда (супорандагони низоми соддакардашуда);

13. Пас аз анҷоми ҳар соли тақвимӣ, дар мӯҳлати муқарраршуда Фармоишгар, Пудратчии асосӣ ва дигар иштирокчиёни сохтмон, ки супорандагони андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ ба ҳисоб мераванд ба мақоми андози маҳали баҳисобгирии худ бо замимаҳои дахлдор тавозуни (баланси) муҳосибии солона пешниҳод мекунанд.

14. Агар молҳои (механизмҳо, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва ғайра) таҳвил шуда ё воридот (импорт) шуда, ки аз рӯи онҳо мутобиқи хамин мактуби дастурӣ пештар озодкунӣ аз супоридани андозҳо пешниҳод шуда

буд, бо ягон сабаб қатъ гардидани амали шартнома, қарордод, созишнома (гузаштани мӯҳлат ё бекор кардан, анҷом ёфтани сохтмон ва ғайра) дар ихтиёри иштирокчиёни сохтмон монад, дар ин сурат аз рӯи чунин молҳои (механизмҳо, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва ғайра) дар давоми 10 рӯз бояд андозҳое, ки аз рӯи онҳо пештар дар доираи ҳамин мактуби дастурӣ озодкунӣ пешниҳод шуда буд, аз рӯи арзишҳои боқимонда дар рӯзи анҷом ёфтани мӯҳлат ё бекор кардани шартнома, қарордод, созишнома ё анҷом ёфтани сохтмон вобаста аз он ки кадом мӯҳлат пештар фаро мерасад ҳисоб карда шуда супорида шавад.

15. Муқаррароти банди 14 ҳамин мактуби дастурӣ ба Фармоишгар ва Пудратчии асосии сохтмон, нисбати содироти молҳое (механизмҳо, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва ғайра), ки бояд аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир (экспорт) карда шаванд, инчунин нисбати интиқоли фоида аз лоиҳа ё аз фурӯш ҳосилшуда ё ба таври ройгон ба мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон додашаванда, дахл надорад.

## Воридоти (импорт) молҳо барои сохтмони иншооти дар доираи Созишнома сохташаванда

16. Имтиёзҳои андозӣ доир ба воридоти молҳо барои сохтмон иншоотҳои дар доираи Созишнома сохташаванда, ки объекти махсусан муҳим ба ҳисоб меравcovered, дар доираи талаботи Кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешаванд.

17. Номгӯи молҳои воридшаванда барои сохтмони объектҳои махсусан муҳим бо дархости Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи далатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар якҷоягӣ бо Фармоишгар ва Пудратчии асосии сохтмон омода гардида, мутобиқи регламенти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа шудааст, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

## Тартиби бақайдгирӣ, назорат ва баҳисобгирии муомилот

18. Ҳамаи муомилот (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) доир ба таҳвили молҳо, иҷрои корҳо, хизматрасониҳое, ки ба сохтмони иншоотҳои дар доираи Созишнома сохташаванда алоқаманд мебошад, бояд аз ҷониби Фармоишгари сохтмони мазкур тасдиқ, ба қайд ва ба ҳисоб гирифта шаванд.

Тасдиқи муомилоте (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо), ки ба сохтмони иншоотҳои дар доираи Созишнома сохташаванда алоқаманд мебошанд, гузоштани мӯҳр, штамп ва имзои шахси якум ё муовини шахси якуми ваколатдоршудаи Фармоишгари сохтмони мазкурро дар қарордод, шартнома ё созишнома ифода мекунад.

19. Фармоишгари сохтмони иншооти дар доираи Созишнома сохташаванда бо мақсадҳои назорат ва баҳисобгирӣ оид ба татбиқи имтиёзҳои андозию гумрукӣ, пас аз тасдиқи қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо оид ба таҳвили молҳо, иҷрои корҳо, хизматрасониҳои ба

сохтмони мазкур таалуқдошта, барои пешниҳод ба мақомотҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи шакли дар **Замимаи № 1** ба ҳамин мактуби дастурӣ овардашуда Рӯйхати ягонаи муомилоти (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо), ки ба сохтмони иншооти дар доираи Созишнома сохташаванда тааллуқдоштаро таҳия месозад ва пеш мебарад. Нусхаи муомилоти (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) тасдиқшудаи ба сохтмони иншоотҳои дар доираи Созишнома сохташаванда тааллуқдошта, бо қайд дар бораи бақайдгирӣ дар Фармоишгари сохтмони мазкур накамтар аз 5 сол баъди анҷоми давраи сохтмони мазкур нигоҳ дошта мешавад.

20. Муомилоти (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) ба сохтмони иншооти дар доираи Созишнома сохташаванда аз ҷониби Фармоишгари сохтмон дар давоми ду рузи корӣ, пас аз пешниҳод шудани ҳамаи маълумотҳои зарури тасдиқ карда мешавад. Барои рад намудани тасдиқ ва ба Рӯйхати ягонаи муомилоти (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) ба сохтмони иншооти дар доираи Созишнома сохташаванда дохил намудан ҳамаи ё яке аз меъёрҳои зерин асос ба ҳисоб меравад:

а) мавҷуд набудани робитаи муомилот (амалиёт, қарордод, шартнома, созишнома) ба сохтмони иншооти дар доираи Созишнома сохташаванда;

б) агар муомилот (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) дар давраи сохтмони иншооти дар доираи Созишнома сохташаванда баста нашуда бошад;

в) агар муомилот (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) то анҷоми давраи сохтмони иншооти дар доираи Созишнома сохташаванда мавриди анҷомёбӣ қарор наёфта бошад;

г) агар муомилот (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) Фармоишгарро бо нарх ё мӯҳлати иҷроиш қаноат накунад;

д) хароҷот аз рӯи муомилот (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) ба таркиби ҳисоби маҷмӯии сметавии сохтмони иншооти дар доираи Созишнома сохташаванда дохил карда нашуда бошад.

21. Барои мақадҳои бақайдгирии муомилоти (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) ба сохтмони иншооти дар доираи Созишнома сохташаванда тааллуқдошта Фармоишгари сохтмони иншооти дар доираи Созишнома сохташаванда амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳоро бо мӯҳри корхонаи худ вобаста мекунад, бо имзои шахси ваколатдор тасдиқ менамояд ва барои ба Рӯйхати ягонаи муомилоти (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) ба сохтмони иншооти дар доираи Созишнома сохташаванда ворид намудан ва рақами тартибӣ гузоштан ба Пудратчии асосии сохтмон ирсол менамояд.

22. Ҳар моҳ, на дертар аз санаи панҷуми моҳи минбаъдаи моҳи ҳисоботӣ, Фармоишгари сохтмони иншооти дар доираи Созишнома сохташаванда нусха аз Рӯйхати ягонаи муомилоти (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) ба сохтмони иншооти дар доираи Созишнома сохташаванда тааллуқдоштаро, ба Кумитаи андози назди Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи шакли дар **Замимаи №2** ба ҳамин мактуби дастурӣ овардашуда пешниҳод менамояд.

## Ҷавобгарӣ

23. Ҷавобгарии муомилоти (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) тасдиқнамудаи Фармоишгари сохтмони иншооти дар доираи Созишнома сохташаванда, дар доираи ҳамин мактуби дастурӣ ба зиммаи Фармоишгари сохтмони мазкур гузошта мешавад.

24. Шахсоне, ки муқаррароти ҳамин мактуби дастуриро вайрон кардаанд, инчунин ғайриқонунӣ имтиёзҳои андозию гумрукии муқаррарнамударо мавриди истифода қарор додаанд, мутобиқи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.

25. Ҷавобгарӣ барои истифодаи мақсадноки молҳо ва воситаҳои нақлиёте, ки тариқи сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо татбиқи имтиёзҳои андозию гумрукии кодексҳои андозу гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоднамуда интиқол дода шудаанд, ба зиммаи иштирокчиёни сохтмон гузошта мешавад.

Раис Н.Давлатзода